# Қабули Конститутсия барои эҳёи дубораи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам овард

Submitted by Ҳайати тадорукот on 5 November, 2025 - 15:00

[1]

Бори аввал дар сатҳи Конститутсия эътироф шудани забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ имкон дод, ки арзишҳои миллию фарҳангии миллати тоҷик эмин нигоҳ дошта шуда, барои эҳёи дубораи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ин матлабро мувоини Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Баротзода зимни ҳамоиши «Конститутсия-ҳуҷҷати сарнавиштсоз», ки бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, баён намуд.
Иброз шуд, ки дар заминаи Конститутсия забони тоҷикӣ дар кишвар рушд ёфта, Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 2009 дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки вазъи ҳуқуқии забони давлатӣ ва истифодаи онро дар кишвар танзим менамояд. Инчунин мақоми махсуси ваколатдор дар ин соҳа — Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.
Дар ҳамоиш, ки ба ифтихори таҷлили 31-солагии Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳууқуқи ба номи А. Баҳовуддини АМИТ Зоир Ҷумъахон Маҷидзода, кормандони Кумита иштирок дошта, нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушду ташаккули давлату ҷомеаи миллӣ ва соҳибистиқлоли мо муҳим арзёбӣ намуданд.

Иштирокдорон доир ба таърихи ташаккул ва мазмуну моҳияти Конститутсия ва нақши он дар ташкили низоми мақомоти давлатӣ ва рушди идоракунии давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ва мақому манзалати забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза намуданд.

Ҳамзамон иштирокдорони ҳамоиш нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушду ташаккули давлату ҷомеаи миллӣ ва соҳибистиқлоли мо муҳим арзёбӣ намуданд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (4 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

**Source URL:**https://www.kumitaizabon.tj/en/node/7186

**Links**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/577016495_1221796644024623 96_9182829156018004668_n.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/577036549_122179664360462396_1104090371743414351_n.jpg [4] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/577016495_122179664402462396_9182829156018004668_n.jpg